**“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”**
**Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгорӣи Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор _______________Н. Ғаффорӣ**

**“__30__” ___09_______2021**

# ХУЛОСАИ

## ҷаласаи Шӯрои олимони факултети таърихи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Диссертатсияи унвонҷӯ Ҷонмуродов Шамшод Мирзоевич дар мавзӯи «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406»-и Руи Гонсалес де Клавихо ҳамчун сарчашмаи таърихӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва усулҳои таҳқиқоти таърихӣ дар кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърихи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ иҷро шудааст.

Дар давраи омодасозии диссертатсия Ҷонмуродов Шамшод Мирзоевич ҳамчун муаллими калони кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ ва ба сифати унвонҷӯй дар кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърихи ДДОТ ба номи С. Айнӣ фаъолият дорад.

Ҷонмуродов Шамшод Мирзоевич соли 2012 зинаи таҳсилоти бакалаврро бо ихтисоси таърих-ҳуқуқ ва соли 2014 зинаи таҳсилоти магистратураи факултети таърихи ДДОТ ба номи С. Айниро аз рӯи ихтисоси таърих хатм намудааст.

Имтиҳонҳои номзадӣ пурра тибқи нақшаи таълимии шуъбаи аспирантура ва докторантураи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ супорида шудааст.

Мавзуи рисолаи унвонҷӯй Ҷонмуродов Шамшод Мирзоевич бо унвонии ««Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406»–и Руи Гонсалес де Клавихо ҳамчун сарчашмаи таърихӣ» зери роҳбарии Саидов Абдуқаҳҳор, доктори илмҳои таърих, профессор , сарходими илмии шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ тибқи қарори Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 27. 01. 2016, протоколи №2/6.5. тасдиқ гардидааст.

Диссертатсияи Ш. М. Ҷонмуродов «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406»–и Руи Гонсалес де Клавихо ҳамчун сарчашмаи таърихӣ» дар ҷаласаи якҷояи кафедраи таърихи халқи тоҷик ва кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ 27- уми сентябри соли 2021, протоколи №2 муҳокима гардидааст,

хулосаи зерин ҳосил гардид:

**Баҳодиҳӣ ба иҷрои рисолаи унвонҷӯй**. Диссертатсияи мазкур ба таҳлили илмии ёддоштҳои Руи Гонсалес де Клавихо «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» бахшида шудааст, ки маъхази мазкур аз зумраи сафарномаҳои арзишманди таърихие мебошад, ки муаллифи он бо назари дақиқу тезбин бисёре аз дидаю шунидаҳояшро чи аз лиҳози иҷтимоӣ ва чи аз назари идориву сиёсӣ роҷеъ ба сарзамини густурдаи Эрону Хуросон ва Мовароуннаҳри ибтидои асри XV дарёфта ва навиштааст.

Муҳим будани мавзӯи мавриди таҳқиқ боз дар он собит мешавад, ки маводи бадастомада аз рисолаи Клавихо «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» ва муқоисаи онҳо бо маводи теъдоди дигаре аз сарчашмаҳои таърихии наздик ба замони таълифи он инъикоси ҳаводиси таърихии охири асри XIV ва оғози асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросон ва Эронро комил намуда, ба тавзеҳи ахбори таърихии он хусусиёти сифатан нав мебахшанд.

Муҳим будани мавзӯъ боз дар он дида мешавад, ки то ба ҳол ҳеҷ

асари илмии хосе дар таърихнигории Тоҷикистон ва кишварҳои ҳамзабон, ки ба таҳқиқи рисолаи Клавихо «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» ихтисос дода шуда бошад, вуҷуд надорад.

Ҳамин тавр, баррасӣ ва таҳлили интиқодии рисолаи Клавихо дар таърихнигории Тоҷикистон аз вазоифи мубрам буда, барои ворид шудани далелҳо ва иттилооти нав аз ин рисола ба гардиши илмӣ, ки шароити бештари инъикоси ҳаводиси таърихиро ба миён меоварад, мусоидат менамояд.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот** аз анҷоми баррасӣ ва таҳлили манбаъшиносии рисолаи «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406»-и Клавихо ва муайян намудани аҳамияти он дар омӯзиши таърихи Мовароуннаҳр, Эрон ва Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва оғози асри XV иборат аст.

**Навгонии илмии таҳқиқот натиҷаҳои илмии зерин ба ҳисоб меравад:** Дар таҳқиқи маҷмӯии рисолаи Клавихо «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» бо ҷалби дигар манобеи таърихӣ ва адабиёти илмӣ ифода меёбад. Навоварии илмии диссертатсия ҳамчунин дар нукоти зерин баён мегардад:

- дар асоси маводи рисолаи «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» ва дигар асарҳои таърихӣ ва илмӣ зиндагиномаи Клавихо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст;

- сохтор ва муҳтавои бобҳои рисолаи Клавихо «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» таҳлил шудаанд;

- маводи нави таърихии иртиботдошта ба таърихи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва оғози асри XV аз рисолаи «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» дарёфт гардиданд;

- дар асоси баррасиҳои татбиқӣ дараҷаи дурустӣ ва саҳеҳии маводи таърихии рисолаи «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори

Темур дар солҳои 1403-1406» бо дигар манобеи таърихии ҳамзамони ин рисола муайян шуданд;

- маводи нави таърихии рисолаи «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» ба гардиши илмӣ ворид гардиданд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Диссертатсия натиҷаи таҳқиқоти илмии мустақилона мебошад. Дар ҳама марҳилаҳои омода кардани диссертатсия: иҷрои нақшаи таҳқиқот, асосноккунӣ, ҷамъ ва коркарди маводи назариявӣ ва методӣ муаллиф мустақилона фаъолият намудааст. Дар раванди таҳқиқот аз ҷониби муаллиф қимати илмии «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406»–и Руи Гонсалес де Клавихо ҳамчун сарчашмаи таърихӣ» асоснок карда шудааст.

**Натиҷаҳои ҷудогонаи таҳқиқот метавонад,** ҳамчун маводи таълимӣ ва илмӣ барои таҳқиқотҳои соҳаи таърих истифода гардад. Ҳамзамон рисолаи мазкур ҳамчун маводи дарсӣ барои макотиби олӣ истифода шавад.

**Усули таҳқиқот.** Дар кори илмӣ вобаста ба вазифаҳои матраҳшаванда методҳои умумӣ ва махсуси бо меъёрҳои аёнияти ҷавобгӯ ва вобаста ба муқаррар кардани шабоҳат ва тафовути масоили таҳқиқ аз методи татбиқӣ (муқоисавӣ), ҳамчунин аз методҳои илмӣ-таърихӣ истифода гардидаанд.

**Заминаҳои назариявию методологии методологии таҳқиқот.** Асоси назариявӣ ва методологии диссертатсия ин усули историзм аст, ки имкон медиҳад вокеиятҳо ва рӯйдодҳои таърихиро мутобиқ бо вазъияти таърихии хос дар иртиботи мутақобили диалектикӣ дар назар бигирем. Аз он ҷо ки ҷузъиёти хурдтарин ва мунҳасир ба фарди воқеаҳо ба гузашта марбут аст ва вижагиҳои он таърихиист, бинобар ин дар равиши таҳқиқ бояд аз методи таърихӣ истифода кард. Ин метод се вижагӣ дорад: мушаххассозӣ, интиқодӣ ва татбиқӣ-муқоисавӣ. Бо истифода аз ин равиш муҳаққиқи таърих падидаҳо ва

рӯйдодҳои гузаштаро баррасӣ ва бозбинӣ намуда, онҳоро бо ҳам қиёс мекунад. Ба ҳангоми рӯйкарди интиқодӣ шабоҳатҳо, тафовутҳо ва воқеаҳои мунҳасир ба фардро дар як давраи муайяни таърихӣ метавон муайян кард. Муқоисаи падидаҳо, шабоҳат ва тафовутҳои онҳо, тавзеҳи сабабҳои вуқӯъ ва тавсеаи онҳо ба муҳаққиқ иҷоза медиҳад таърихи теъдоде вақоеъро ба таври дақиқ баён карда, равобит байни онҳоро шиносӣ кунад. Агар ташреҳи таърихӣ бо истифода аз ин рӯйкардҳои методологии методи таърихӣ анҷом шавад, дар ин сурат он барои равшан сохтани рӯйдодҳои воқеӣ мусоидат мекунад. Дар асnoи пажӯҳиш аз методҳои проблемавӣ-хронологӣ, таърихӣ-қиёсӣ, таҳлилӣ ва омӯзиши сарчашмаҳои таърихӣ кор гирифта шуд.

**Навгониҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботҳои шаҳодатномаи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси** ***07.00.09. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ*** ва усулҳои таҳқиқоти таърихӣ мутобиқат мекунад.

Муаллиф доир ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла панҷ мақола дар маҷаллаҳое, ки аз тарафи КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Федератсияи Россия эътироф гардидаанд ва 1 монография ба нашр расидаанд. Дар монография ва мақолаҳо андеша ва таҳлилҳои илмии муаллиф роҷеъ ба «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406»–и Руи Гонсалес де Клавихо нишон дода шудаанд:

## РӮЙХАТИ МАҚОЛАҲОИ ЧОПШУДА АЗ РӮИ МАВЗӮЪ

**А) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои эътирофгардидаи КОА чоп шудаанд:**

**1.** Ҷонмуродов Ш.М. Маълумоти Клавихо дар бораи баъзе шаҳрҳои Мовароуннаҳр / Ҷонмуродов Ш.М. // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. - №5 (66). Душанбе, 2015. С. 261–264.

2. Ҷонмуродов Ш.М. Тавсифи баъзе шаҳрҳои Хуросон дар китоби Руи Гонсалес де Клавихо “Рузномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур (1403-1406)” / Ҷонмуродов Ш.М. // Паёми Донишгоҳи давлатии

омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. -№4 (71). Душанбе, – 2017. С. 163–168.

3. Ҷонмуродов Ш.М. Ахбори Руй Гонсалес де Клавихо дар бораи Темурланг / Ҷонмуродов Ш.М. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - №3/7. Қисми II маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума Дӯшанбе, 2017. С. 37–41.

4. Джонмуродов Ш. М. “Сведения о Руи Гонсалеса де Клавихо и ево сочинения “Дневник путешествия в Самарканд ко двору Тимура (1403-1406” / Ҷонмуродов Ш.М. // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. - №2 (85). Душанбе, 2020. С. 230–234.

5. Ҷонмуродов Ш.М. Асари Клавихо “Рузномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур (1403-1406)” ва тарҷумаҳои он / Саидов А., Ҷонмуродов Ш.М. // Муаррих. -№1. (25). Душанбе, 2021. –С. 70-76.

**Б) Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо чоп шудаанд:**

6. Ҷонмуродов Ш.М. Тавсиф ва сохтори рисолаи Гонсалес де Клавихо “Рузномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур”. // ДМТ (Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назарявӣ дар мавзӯи “Масоили мубрами Манбаъшиносии муосир”. Душанбе, 2016. С. 170-176.

7. Ҷонмуродов Ш.М. Инъикоси шаҳрҳои Хуросон дар асари Руи Гонсалес де Клавихо // Масоили муҳими таърихнигории муосири тоҷик. Маводи конфронси илмӣ- назарявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 25-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: ДМТ, 22 ноябри соли 2017. С.239-250.

8. Джонмуродов Ш.М. Руи Гонсалес де Клавихо и его сочинение «Дневник путеществия в Самарканд ко двору Тимура (1403-1406)». Душанбе, 2020.-100 с.

9. Джонмуродов Ш. М. Историко-географические сведения Руи Гонсалеса де Клавихо о городах Тебриза и Нишапура // Материалы международной научно-практической конференции «XII Ломоносовские чтения», посвящённой Дню таджикской науки и 30-летию установления дипломатических отношений между Республикой Таджикистан и

Российской Федерацией (Часть II. Общественные и гуманитарные науки). Душанбе, 29 – 30 апреля: Филиал МГУ, 2022. С. 40 – 45.

Дар маҷмӯъ мазмуну мундариҷаи таҳқиқот, маводи дар диссертатсия истифодашуда, ҷанбаҳои назариявию методологии диссертатсия ба ихтисоси 07.00.09. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва усулҳои таҳқиқоти таърихӣ мувофиқат менамояд. Диссертатсия аз рӯи натиҷаи назариявӣ ва хулосаҳои илмӣ, тавсияҳои амалӣ ва сатҳу сифати таҳияи худ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ арзёбӣ мегардад.

Аз натиҷаҳои муҳокима,

қарор карда шуд:

1. Диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърихи ДДОТ ба номи С. Айнӣ Ҷонмуродов Шамшод Мирзоевич дар мавзӯи «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406»–и Руи Гонсалес де Клавихо ҳамчун сарчашмаи таърихӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва усулҳои таҳқиқоти таърихӣ пешниҳод гардидааст, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ арзёбӣ мегардад.
2. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих, аз рӯи ихтисоси 07.00.09. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва усулҳои таҳқиқоти таърихӣ барои баррасӣ ва ҳимоя ба Шӯрои диссертатсионии назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ ҶТ пешниҳод карда шавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи васеи Шӯрои олимони факултети таърихи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ аз 28. 09. 2021 с. қарори №2 қабул гардидааст.

Дар ҷаласа 15 нафар иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 15 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест. Протоколи №2, аз 28.09.2021.

Раиси Шӯрои олимони факултет:
доктори илмҳои таърих, профессор: Ҳусайнов А.Қ.

Муқарриз:
н.и.т., дотсенти кафедраи таърихи умумӣ ва ватании Донишгоҳи Славянии Россия-Тоҷикистон (ДСРТ): Пирумшоев М.Ҳ.

Муқарриз:
н.и.т., дотсент мудири кафедраи ҳуқуқи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ: Аламов Ҳ.Н.

Котиби илмии Шӯрои олимони факултет: Ганҷакова М.Г.

Суроға:734003, г. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 121
Телефон: +992 (37) 2241383;
Почтаи эл.: tgpu.tj@mail.ru

«Имзои Ҳусайнов А.Қ., Ганҷакова М.Г., ва Аламов Ҳ.Н.-ро тасдиқ мекунам»:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Назаров Д.Қ.

«Имзои н.и.т., дотсент Пирумшоев М.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам»:
Сардори шуъбаи кадрҳои ДСРТ Раҳимов А.А.